# ТАҚРИЗ

ба автореферати Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – соҳаи илмҳои географӣ)

Дар замони ҳозира яке аз масъалаҳое муҳиме, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли он машғул аст, ин мустаҳкам намудани нерӯи кории минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии ин минтақа мебошад.

Бо ақидаи коршиносон, олимону мутахассисон, дар вазъияти мавҷуда, яке аз соҳаҳои афзалиятноки баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон рушди самараноки соҳаи туризм ҳисоб меёбад.

Дар байни соҳаҳои сершумори туризм, соҳаи нав ва афзалиятноки он - туризми экологӣ (экотуризм) солҳои охир рӯ ба тараққӣ ниҳодааст.

Табиати Тоҷикистон бо ҳудуди васеъ минтақаҳои гуногуни иқлимӣ, бо захираҳои бойи табиӣ, аз он ҷумла мероси табиӣ, биологӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, ба қатори яке аз ҷойҳои афзалиятнок барои рушди туризм дохил мешавад. Дар ин ҷо ҳудудҳои дорои экосистемаҳои вайроннашуда зиёда аз нисфи марзи мамлакатро ишғол мекунад ва маҳз онҳо дар рушди экотуризм - яке аз соҳаи нав ва тез руштёбандаи туризми ҳозиразамон, нақши бениҳоят калонро мебозанд.

Яке аз чунин мавзеъҳои беҳамтои табиати Тоҷикистон – ин марзи «Резервати биосферии Ромит» маҳсуб меёбад.

Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар даҳсолаҳои охир таъсироти манфии омилҳои антропогенӣ ба табиати атроф босурат зиёд шуда истодааст. Натиҷаи он боиси деградатсияи ареали бисёр намуди ҳайвонот ва наботот, кам шудани шумораи гуногуннамудии биологӣ ва аз байн рафтани намудҳо ва ҳатто экосистемаҳои алоҳида сабаб шуда истодааст. Аз ин лиҳоз, мушкилоти истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз он ҷумла туристӣ-рекратсионӣ, яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва актуалӣ ҳисоб мешавад.

Мақсади рисолаи пешниҳодшуда: - “Дар асоси омӯзиши шароитҳои геоэкологӣ ва иқтидори захиравии «Резервати биосферии Ромит» коркарди механизми истифодабарии устувори онҳо тавассути рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ” маҳсуб ёфта, он ба қатори мушкилотҳои ҳозиразамоне, ки барои фаъолияти муқаррарии ҳудудҳои ҳифзшавандаи Тоҷикистон ва рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ мамоният мерасонад, равона шуда аҳамияти калони илмӣ ва назариявиро дорад.

Ҳангоми иҷроиши рисола, муаллифи он бори аввал тавсифи шароитҳои табиӣ-геоэкологӣ ва иқтидори захиравии «Резервати биосферии Ромит» таҳқиқ намуда, баҳодиҳӣ ба он ҳамчун сарчашмаи рушди фаъолияти сайёҳии экологӣ нишон додааст. Механизми баланд бардоштани самаранокии иқтидори захиравии резервати биосферӣ ва намунаи (модел) пурраю мусоиди рушди устувори фаъолияти сайёҳии экологӣ, барои ворид намудан ба ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» коркард карда шудааст. Инчунин, мушкилоти асосии соҳа муайян намуда, афзалиятҳои рушди босуботи фаъолияти сайёҳии экологӣ бо назардошти хусусиятҳои хосашон асоснок карда шуданд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди «Резервати биосферии Ромит» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳои илмӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – соҳаи илмҳои географӣ) мувофиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** мудири кафедраи
географияи табиии МДТ “ДДХ ба
номи академик Б.Ғафуров”,
номзади илмҳои география, дотсент Абдураҳимова М.М.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992) 92 7520808. E-mail: m.m.abdurahimova@mail.ru

Имзои М.М. Абдураҳимоваро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992) 34226 52 73. E-mail: rayosati_kadr@mail.ru

“25” 07 соли 2025